# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. – 40 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда ба масъалаи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ ҳамчун ҷиноят бар зидди амнияти экологӣ ва гуногунии биологӣ бахшида шуда, аз лиҳози мазмун, сатҳи таҳлил ва асоснокии илмӣ диққати махсусро ҷалб менамояд.

Муаллиф масъалаи шикори ғайриқонуниро на танҳо ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунанда, балки ҳамчун зуҳуроти дорои хавфнокии баланди ҷамъиятӣ, ки ба устувории экологӣ, гуногунии биологӣ ва таъмини ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоид таҳдид менамояд, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Дар заминаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои стратегӣ ва қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти ҳуқуқии ин ҷиноят ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои экологӣ таҳлил гардидааст.

Дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва амалии муайянсозии таркиби ҷинояти шикори ғайриқонунӣ, хусусиятҳои он, инчунин мушкилоти фарқгузории он аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бо таҳлили илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф тавассути истифодаи усулҳои диалектикӣ, системавӣ-сохторӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои мавҷударо дар иртиботи зич бо амалияи судӣ ва тафтишотӣ баррасӣ намояд.

Ҷиҳати муҳими таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф ба масъалаи латентнокии ҷиноятҳои экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таҳлили омории солҳои охирро пешниҳод кардааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки вазъи воқеии ҷинояткорӣ дар соҳаи истифодаи олами ҳайвонот амиқтар дарк гардида, самтҳои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ муайян карда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи шикори ғайриқонунӣ бори аввал дар доираи як таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ дар сатҳи миллӣ бо дарназардошти омилҳои криминологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор гирифтааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дорои хусусияти назариявию амалӣ буда, метавонанд

барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории экологӣ замина фароҳам оваранд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар таҳлили амиқи заминаҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ, инчунин муайян намудани хусусиятҳои таркибии он ифода меёбад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳум ва нишонаҳои асосии ҷиноятро бо такя ба таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории як қатор давлатҳо асоснок намояд.

Аҳаммияти амалии кор дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти судҳо, мақомоти тафтишотӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми бандубасти дурусти кирдорҳои марбут ба шикори ғайриқонунӣ истифода шаванд. Илова бар ин, хулосаҳои илмӣ метавонанд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар баробари баҳодиҳии умумии мусбат, метавон қайд намуд, ки баъзе масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аз ҷумла вобаста ба васеъ намудани доираи аломатҳои таркибии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ ва гурӯҳбандии иловагии онҳо, ниёз ба баррасии иловагӣ доранд. Аз ҷумла:

1. Дар бахши таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муаллиф бартариҳои моделҳои ҳуқуқии давлатҳои алоҳидаро асоснок менамояд, аммо дар автореферат механизми мушаххаси мутобиқсозии ин таҷриба ба шароити ҳуқуқии миллӣ пурра равшан нагардидааст. Бинобар ин, максаднок мебуд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия муаллиф мавқеи худро оид ба имконияти амалии татбиқи чунин пешниҳодҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ ба таври муфассал ва далелнок баён намояд.

2. Дар саифаҳои 16-19-и автореферат дида мешавад, ки муаллиф зарурати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро бо омилҳои иҷтимоӣ ва латентнокии баланди шикори ғайриқонунӣ асоснок менамояд. Бо вуҷуди ин, хулоса дар бораи он ки танҳо чоряки ҷиноятҳо ошкор мегарданд, бо таҳлили муфассали методологияи ҳисоб ва манбаи мушаххаси оморӣ тақвият дода нашудааст. Мақсаднок мебуд, ки муаллиф усули муайян намудани сатҳи латентнокиро мушаххас намуда, ба таҳқиқоти эмпирикӣ ё маълумоти расмии мақомоти ваколатдор такя намояд, то асоснокии илмии ин иддао боз ҳам мустаҳкам гардад.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои мазкур хусусияти баҳси илмӣ дошта, ба арзёбии умумии мусбати таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тавр, муҳтавои автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ муқаррар гардидаанд,

ҷавобгӯ мебошад. Дар он хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснок таҳия шудаанд, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба шикори ғайриқонунӣ равона гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Санавварзода Ғ.Б.**

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 8 мкр-н. хонаи 53, ҳуҷраи 27. Телефон: (+992) 928398174. E-mail: sanavvarov@mail.ru

Имзои Санавварзода Ғ.Б. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А.Х.
«07» 04 2026 с.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1. Телефон: +992(3422)2-38-11, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Email: Info@tsulbp.tj, www: http://tsulbp.tj